Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи «Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ», ки барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020300 – Таърих (6D020302 - Таърихи умумӣ) пешниҳод шудааст.**

Вазъияти сиёсию низомии Афғонистон беш аз чаҳор даҳа аст, ки ноустувор ва нооором боқӣ монда, низомҳои давлатӣ нопойдор ва яке паси дигаре аз байн мераванд, ки таҳлили илмии ин шароит яке аз масъалаҳои дорои аҳамияти калони илмию амалӣ мебошад. Махсусан таҳқиқи вазъияти низомӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 1992-2001 ва омилҳои нопойдории Давлати исломии Афғонистон (ДИА), ки заминаро барои зуҳури ҷунбиши радикалию террористии "Толибон" муҳайё сохт, дорои аҳаммияти муҳимми илмӣ мебошад.

Бешубҳа, омилҳои идомаи низоъҳои мусаллаҳона, нопойдории низомҳои сиёсӣ ва мушкилоти давлатсозӣ гуногун мебошанд: омилҳои динӣ, сиёсӣ, низомӣ, этникӣ, ихтилофоти байни гурӯҳ ва аҳзоби сиёсӣ ва ғ., ки муайян намудани сатҳи таъсири онҳо ба раванди давлатсозӣ дар солҳои 1992 – 2001 дар Афғонистон мавзуъро бештар мубрам ва рӯзмарра месозад.

Мубрамияти таҳқиқи мавзуъ инчунин аз он иборат аст, ки Афғонистон, дар маркази рақобатҳои давлатҳои абарқудрат қарор дошта, солҳои зиёд аз ихтилофҳои қудратҳои ҷаҳонӣ барои манфиатҳои худ ранҷ мекашад. Аз ин нигоҳ, омилҳои нооромию бесуботӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон, падидаи зуҳури «Толибон» ва дар муддати кӯтоҳ зери назорат даровардани аксари ҳудуди мамлакат аз маҷмуи омилҳои дохилӣ ва хориҷӣ иборат мебошад.

Докторант Абдусаматов Бекбобо дар диссертатсияи худ тавонистааст, ки зарурат ва мубрамияти таҳқиқи мавзуъро ҳамаҷониба

таҳлил ва асоснок намуда,мақсад ва вазифаҳои онро ба таври возеҳ муайян намояд, ки аз истеъдоди таҳлилию таҳқиқии ӯ гувоҳӣ медиҳад.

Мақсади рисолаи диссертатсионии Б. Абдусаматов дар асоси таҳқиқи вазъияти сиёсӣ-низомӣ муайян намудани мушкилоти давлатсозӣ дар Афғонистон дар солҳои 1992-2001 мебошад.

Диссертант, мақсади кори диссертатсиониро муайян сохта ба он факт такя мекунад, ки мушкилоти давлатсозӣ дар солҳои таҳқиқшаванда пеш аз ин мавзуи таҳқиқоти махсуси диссертатсионӣ қарор нагирифтааст.

Истеъдоди таҳқиқии Б. Абдусаматов дар гузориши дурусти вазифаҳои таҳқиқӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ низ зоҳир мегардад.

Ба диссертант муяссар шудааст, ки адабиёти мувҷударо тасниф намуда, дараҷаи омӯзиши мавзуъро муайян намояд. Ба хусус, зикр менамояд, ки адабиёти мавҷуда мавзуи таҳқиқшавандаро ба таври комплексӣ фаро намегирад. Диссертант дар ҷамъоварӣ ва омӯзиши доираи васеи адабиёт ва сарчашмаҳо, ки дар Тоҷикистон, Афғонистон ва дигар кишварҳои хориҷӣ ба нашр расидаанд, аз худ мустақилият нишон дода ва талоши зиёд намудааст.

Машвараҳои зиёд ва суҳбатҳои роҳбари илмӣ бо диссертант ва истифодаи ӯ аз адабиёт ва маводи илмии дигар хулосаи моро қатъӣ сохтааст, ки диссертант ба мавзуи таҳқиқшаванда хуб ворид аст ва маводи илмиро таҳлил карда, хулосаҳои мустақили илмӣ баровварда метавонад.

Қобилияти таққиқотии диссертант дар муайян намудани сохтори кори диссертатсионӣ ҳам ба назар мерасад. Он аз муқаддима, се боб, 7 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст, ки ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ва талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Дар муқаддима, тибқи талаботи маъмул

гузориши масъала, аҳамияти илмии мавзуъ асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши он муфассал таҳлил шудааст.

Дар қисмати тавсифи умумии кор робитаи кор бо барнома (лоиҳа) – ҳои мавзуи илмӣ, инчунин объект ва предмети таҳқиқро муайян намуда, ҳадаф ва вазифаҳои кори илмӣ, муқаррароти барои дифоъ пешниҳодшуда, навгонӣ, асосҳои назариявию методологӣ ва аҳамияти амалии рисолаи диссертатсиониро ба таври дақиқ нишон додааст.

Дар натиҷаи таҳлили амиқи мавзуъ муаллиф ба натиҷаҳои нави илмӣ ноил шудааст, ки дар бахши навгонии диссертатсия оварда шудаанд. Аз ҷумла, бо ҷалби сарчашма ва адабиёти дар солҳои охир ба нашррасида омилҳои дохилӣ ва хориҷии вазъият дар солҳои солҳои 90-уми асри XX мушаххас карда шудааст.

Рисолаи диссертасионӣ яке аз аввалин кушишҳо дар таърихнигории муосири Тоҷикистон барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи, муқоисавӣ-таърихӣ ва назариявию амалии масъалаи вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ дар солҳои 1992 - 2001 дар Афғонистон мебошад. Барои таҳлили моҳияти равандҳои ба сари қудрат расидани мухолифони исломӣ ва проблемаҳои асосӣ миёни гурӯҳҳои исломгаро ва инчунин ба қудрат расидани Толибон муаллиф аз сарчашмаҳои таърихӣ, адабиёти васеи илмӣ, нуқтаи назар ва андешаҳои муҳаққиқони зиёд истифода намудааст.

Сохтори кори диссертатсионӣ барои расидан ба ҳадафи муайяншуда муносиб ва мантиқӣ аст. Ҳар як бобу зербоби он якдигарро такмил намуда, ҳодисаю воқеаҳо ба таври хронологӣ таҳлил шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия **“Ба қудрат расидани аҳзоби исломии мухолиф дар Афғонистон ва пайомадҳои он”** муаллиф аввалан ба таҳлилии илмии заминаҳои дохилӣ ва байналмилалии сарнагун гардидани ҳукумати М. Наҷибулло пардохта, маҷмуи омилҳои сарнагун гардидани низоми тарафдори Маскавро таҳлил намудааст.

Ба хулосаи диссертант бояд розӣ шуд, ки М. Наҷибулло барои бақои ҳукумати худ чораҳои зиёд андешид, вале дар ҳайати ҳукумат ӯ ягонагӣ ва ваҳдат вуҷуд надошт, ихтилофот ва зиддият байни "парчамиҳо" ва "халқиҳо" бо шиддат давом мекард. Наҷибулло сиёсати мусолиҳаи миллиро гӯё сармашқи сиёсати худ қарор дода буд, лекин ягон кори ҷиддӣ ба хотири татбиқи он сиёсат анҷом надода буд. Вай на танҳо бо ҳизбҳои исломӣ роҳи созиш ва ҳамкориро пайдо карда натавонист, балки бо ҳамҳизбиёни худ забони муштарак наёфт.

Б. Абдусаматов омилҳои суқути ҳукумати Муҳаммад Наҷибуллоро ба се гурӯҳ ҷудо кардааст:

Якум, ин берун шудани ИҶШС аз хоки Афғонистон ва дигар кумак накардани ИҶШС ва Россия ба доктор Муҳаммад Наҷибулло;

Дуюм, шиддат гирифтани муборизаҳои қавмӣ ва гурӯҳӣ дар Афғонистон барои ҳоякимият;

Сеюм, амалӣ шудани як нақшаи таҳрезишуда, аз тарафи давлатҳои манфиатдор, ки баъди хуруҷи ИҶШС аз хоки Афғонистон имкон надоданд, ки ин кишвар дигар нуфузе дар ин сарзамин дошта бошад ва онҳо ба ҳадафи худ расиданд.

Дар ин боб муаллиф раванди ишғоли шаҳри Кобул аз тарафи мухолифони исломӣ ва ташкили Давлати Исломии Афғонистон (ДИА)-ро низ муфассал ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Зимни ин мушкилоти ташкили ин давлатро таҳлил намуда, бо хулосае омадааст, ки ба ҳама мушкилот нигоҳ накарда, аҳзоби исломӣ тавонистанд дар бораи таъсиси ҳукумати нав ва низоми исломӣ ба мувофиқаи нисбӣ бирасанд. Аммо дере нагузашт, ки ин ихтилофот шиддат гирифт ва пояҳои ин давлати навпоро заиф сохт ва монеи асосӣ дар роҳи ташкили давлати мутамарказ гардиданд.

Сабабҳои шиддат гирифтани ихтилофоти байниҳизбию байнигурӯҳӣ дар боби дувуми рисола **"Ихтилофҳо байни гурӯҳҳои**

**сиёси-низомии исломӣ ва таъсири он ба раванди ташкили давлати мутамарказ”** таҳқиқ шуданд.

Муаллиф ба ду масъалаи асосӣ дар ин боб таваҷҷуҳи ҷиддӣ намудааст: яке ба сабабҳои шиддат гирифтани ихтилофҳо байни гурӯҳҳои низомию-сиёсӣ ва дувум ба вазъияти иҷтимоию иқтисодии Афғонистон, ки ба назари муаллиф ба устувории давлатдорӣ таъсири ҷиддӣ доштааст.

Дар натиҷаи таҳқиқи ин масоил муаллиф ба хулосае расидааст, ки зуҳури ҷунбиши “Толибон” ба нокомии исломгароён дар ташкили давлати мутамарказ ва қонунмадор, тақсими Афғонистон ба минтақаҳои ҷудогонаи қудрат, беназмию беқонунӣ дар ҷомеа буд.

Боби сеюми рисола **“Зуҳур ва ташаккули ҷунбиши «Толибон»”** ба таҳқиқи омилҳои дохилӣ ва хориҷии зуҳури ҷунбиши «Толибон», андешаҳои динию сиёсӣ ва сиёсати иҷтимоии ин ҷунбиш ва шаклгирии муқовимат бар зидди толибон ва терроризми байналмилалӣ бахшида шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои асосии диссертант асоснок буда, бо факту далелҳои эътимодбахш асоснок карда шудаанд.

Дар давоми кор аз болои рисолаи диссертатсионӣ ва таҳсил дар зинаи докторантура PhD Б. Абдусаматов худро ҳамчун муҳаққиқи ҷӯянда, серкор ва ҷиддӣ дар баробари вазифаҳои дар пеш гузоштааш нишон дод. Ӯ ҳамеша машвараҳои роҳбари илмиро ба роҳбарӣ мегирад ва дар пайи ҷустуҷӯи маводи илмӣ ва таҳлил аст.

Таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби геополитикӣ, минтақавӣ, этникӣ, мазҳабӣ, сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ ва ғ., мусоидат менамояд. Маводҳои диссертатсия метавонад барои бедории ҳисси миллии насли навраси Афғонистон ва Тоҷикистон мавриди истифода қарор гирад.

Инчунин таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Таърихи кишварҳои форсизабон», «Таърихи умумӣ», «Кишваршиносӣ» ва ғайра метавонанд мавриди истифода қарор гирад.

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки рисолаи диссертатсионии ба анҷом расонидаи Абдусаматов Бекбобо Бурихонович дар мавзуи “Афғонистон дар солҳои 1992-2001: вазъияти сиёсӣ-низомӣ ва мушкилоти давлатсозӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD

02.03.02-таърихи умумӣ пешниҳод шудааст, аз рӯйи мазмун, мақсаду вазифаҳои гузошташуда, аҳамият ва навгонии илмӣ, асоснокии хулосаҳо, арзиши назариявӣ ва амалӣ ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра ҷавобгӯ мебошад. Аз ин рӯ, муаллифи он Б.Б. Абдусаматов сазовори дараҷаи илмии доктор PhD 02.03.02-таърихи умумӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ, и.в.саркотиби илмии
АМИТ, д.и.т. Қ. Искандаров

734025, хиёбони Рӯдакӣ, 33, ш. Душанбе, ҶТ,
Тел. +992-372-221-50-17
Email: sarkotib@anrt.tj
02.01.2024

Имзои Қ. Искандаровро тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси АМИТ Т.Акрамзода
«02» 01 2024

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА
ШУЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС
ОТДЕЛ КАДРОВ И СПЕЦИАЛЬНЫХ РАБОТ